# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи **«Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.

Дар замони муосир, ки ғояи демократӣ ҷомеа ва махсусан, равшанфикронро талқин мекунад, зарурати ба вуҷуд омадани омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайдо мешавад. Ин ҳолат метавонад ба осонӣ ба тафаккур, зеҳн ва шакли муносибати одамон таъсирҳои худро расонад. Аз ин рӯ, вобаста ба меъёрҳои илмӣ ва талаботи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ дар асоси амру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан Пешваои муаззами миллат ба рушди тафаккури илмӣ самҳмгузор будан яке аз воҷиботи муҳаққиқони имрӯз ба ҳисоб меравад. Ин раванд дар пажуҳиши диссертант Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович хеле хеб мушоҳида шуда, ӯ ин ҳолати мубрами иҷтимоӣ-фарҳангиро саривақт дарк намуда, дар робита ба омӯзиш ва таҳқиқи масоили мантиқӣ-маърифатӣ дар асоси сарчашмаҳои фалсафӣ, ҳадаф ва мақсади худро чуноне ки ӯ дар фишурдаи диссертатсияи худ бо номи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ишора менамояд, бо масъалагузориҳо матраҳ кардааст.

Агар ба таърихи омӯзиш ва масъалагузориҳо чунонки дар фишурдаи диссертатсия оварда шудааст, бипардозем, маълум мегардад, ки ҳанӯз дар асрҳои миёна ин масъала на ба таври умумӣ, балки ба таври хеле густурда ва хос таҳқиқ шудааст. Бо рушд ва инкишофи ҷаҳонбинӣ дар замони муосир таҳқиқу баррасӣ ва масъалагузории ин мавзуи актуалӣ – мантиқ ва маърифат дар заминаи методологияи хос ҳамчун илми пурмаҳсул ва натиҷадиҳанда нишонаи рушду ташаккули тафаккури миллӣ

ба ҳисоб меравад. Чунонки таснифи ҷузъиёти мантиқӣ ва маърифатӣ – мафҳум, қазия, қиёс, бурҳон, навъҳои маърифат ва ҳақиқат дар фишдурдаи диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр бозгукунанда аз фалсафаи ғанӣ дониста мешаванд, ҳамзамон, такмилдиҳанда ва ташаккулдиҳандаи ратсионализми илмӣ дониста мешаванд.

Аз таҳқиқи автореферат маълум мегардид, ки диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, сенздаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима моҳият ва мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ ва мақсаду вазифаҳои пажуҳиш дуруст инъикос ёфтааст. Инчунин, асосҳои назариявию методологии объект таҳқиқ гардида, қимати илмиву амалии таҳқиқоти илмӣ бо далелҳои самтӣ асоснок карда шудааст.

Ҳангоми таҳқиқ яке аз муваффақиятҳои диссертант дар он зоҳир мегардад, ки ӯ тамоми паҳлуҳои пажуҳишшавандаи мавзуъро мувофиқи мақсад тақсиму тасниф намуда, бо дарназардошти таърихии афкори фалсафӣ ва марҳилаҳои омӯхташавандагии он, дар муқоиса ба шароити кунунии замони имрӯза, бо таҳлилҳои хуби илмӣ баррасӣ карда, исбот намудааст, ки мантиқ ва маърифат, ки асоси бунёдии тафаккури дуруст ва ақлгароии илмӣ дониста мешаванд, дар инкишофи пиндор, гуфтор ва кирдори инсони реалӣ саҳмгузор буда метавонанд. Бешубҳа ин анъанаи фарҳангӣ имрӯз то дараҷае такомул ёфтааст, ки тафаккури дуруст ва тааққули илмӣ дар ин замина ҷаҳонбинии илмиро густариш мебахшанд.

Ин масъаларо муаллиф дар вазифаҳои таҳқиқ хеле хуб нишон дода, барои муайян намудани ҷойгоҳи таълимоти мутафаккирон як қатор вазифаҳои илмиро бо асосҳои илмӣ роҳандозӣ намудааст, чун: муайян кардани заминаҳои таърихӣ, омӯзиши осори мутафаккирон, таъсирпазирӣ аз фалсафаи Юнон ва таъсиргузорӣ дар фалсафаи ҷаҳон,

арзёбии мантиқу забон, истилоҳсозӣ ва ғайра, ки ин ҳама метавонад дар рушди фалсафаи миллӣ таъсири мусбати худро расонад.

Муваффақияти дигари Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бештар масъалагузориро ба таври муқоисавӣ ба роҳ монда, агар дар навбати аввал афкори мантиқию маърифатии Форобӣ ва Тусиро баррасӣ кардан хоҳад, дар навбати дигар ба афкори Арасту сайрҳо мекунад ва бо мисоловариҳои шахсӣ нуктаи мавриди назарро баррасӣ намуда, ҳамзамон, тамоми масъалагузориҳоро кушидааст барои тақвият бахшидани фалсафаи замони истиқлол, ки оинаи ҳувияти миллӣ аст, таҳким бахшад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки фишурдаи диссертатсияи диссертант «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» ҳадаф ва мазмуни асосии рисоларо бо дарназардошти омилҳои сохториву мундариҷавии таҳқиқот ба шакли мукаммал фаро гирифтааст.

Дар баробари ин дастовардҳои илмии диссертант, мехоҳам, мулоҳизаҳои худро ҳамчун машварат баҳри беҳтар намудани кор пешниҳод намоям, ки ба назари мо ислоҳи онҳо мазмуни автореферaтро тақвият мебахшад:

1. Агар масъалагузориҳо дар автореферат ва умуман диссертатсия ба самти иҷтимоӣ нигаронида мешуду таҳқиқ дар ин роҳ ба таври муфассалтар баррасӣ мегардид, натиҷаҳо пурратар мешуданд;

2. Дар тарҷумаи муқоисавӣ истилоҳоти тоҷикӣ дар шакли русӣ хеле зиёд оварда шудаанд, хуб мешуд, ки ҳар мафҳум як маротиба оварда мешуд ва шакли руси истифода мешуд.

3. Дар матни автореферати диссертатсия баъзан хатогиҳои услубӣ дар ҷумлабандӣ ба назар мерасад.

Хулоса, фишурдаи диссертатсия Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти

Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» тамоми ҷанбаҳои мавзуи таҳқиқро фаро гирифта, кори анҷомёфта ба шумор меравад ва бешубҳа ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Муаллифи фишурдаи диссертатсия ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои фалсафа, профессори
шуъбаи таърихи фалсафаи ИФС ба номи
А. Баҳоваддинови АМИТ Диноршоева З.М.

Суроға, 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Тел.: (+992) 902222886
E-mail: benazir.amrullo@mail.ru

Имзои Диноршоева З.М.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа
ва сиёсатшиносии ба номи
А.Баҳоваддинови АМИТ Абдураҳмонзода Б.

НОЗИРИ КАДРҲО
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ БА НОМИ АЛЛОВУДДИН БАҲОВАДДИНОВИ АМИТ

Суроға, 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Тел: (+992) 221-07-28
E-mail: ifppanrt.tj
“03” 03 соли 2026